**Тақризи**

**роҳбари илмӣ ба рисолаи Давлатов Назримад Муродзода дар мавзуи «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10.02.20 – Забоншиносии муқоисавӣ-таърихӣ, қиёсӣ ва муқоисавӣ**

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва бархурди тамаддунҳо эҳтиёҷ ба омӯзишу таҳқиқи забонҳои хориҷӣ ба миён омад, зеро маҳз дар натиҷаи муқоисаву муқобала аз низому сохтори забонҳои бегона метавонем аз вижагиҳои фарқкунандаву ба ҳам монанди онҳо бархурдор гардем.

Омӯзиш, таҳқиқ ва муқоисаи ин ё он ҷанбаи забон яке аз масъалаҳои умдаи забоншиносии муқоисавӣ маҳсуб меёбад. Гарчанде ки муҳаққиқон то ба имрӯз ба таҳқиқу пажуҳиши масъалаҳои мухталифи луғатшиносиву савтиёт ва сарфу наҳв даст зада бошанд ҳам, баъзе аз воҳидҳои мураккаби наҳв, яъне ҷумлаи мураккаби тобеъ бо ҷумлаи пайрави ҳол аз лиҳози муқоисаву муқобала аз назари эшон дур мондааст.

Ба ин тариқ, омӯзиш ва таҳқиқи типологии забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, ки ҳар яке аз лиҳози басомади генетикӣ ба оилаи гурӯҳҳои гуногун мансубанд, айни замон хеле мубрам буда, дар шинохти амиқи забонҳои гурӯҳҳои эронӣ ва германии оилаи ҳиндуаврупоӣ метавонад мусоидат намояд.

Рисолае, ки унвонҷӯ Давлатов Назримад Муродзода омода намудааст «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» унвон дошта, дар он хусусиятҳои сохториву маъноии ҳар як анвои ҷумлаи пайрави ҳоли забонҳои тоҷикиву англисӣ мавриди таҳқиқи амиқи илмӣ қарор мегирад.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат аст.

Боби якуми рисола «Масоили назарии омӯзиши ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забоншиносӣ» номгузорӣ шуда, дар он мафҳумҳои «ҷумла», «ҷумлаи мураккаб», «ҷумлаи мураккаби пайваст», «ҷумлаи мураккаби тобеъ», «сарҷумла», «ҷумлаи пайрав» ва таснифи ҷумлаҳои пайрав дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ, нақши пайвандакҳо ва калимаҳои ҳамнисбат дар ташаккули ҷумлаҳои пайрави ҳол таҳлилу баррасӣ шудаанд.

Муаҳаққиқ нахуст андешаҳояшро роҷеъ ба пажуҳиши ҷумлаи мураккаби тобеъ дар забонҳои тоҷикиву англисӣ аз тарафи забоншиносони ватаниву хориҷӣ баён намуда, баъдан, ҷумлаҳои пайрави ҳоли забонҳои муқоисашавандаро гурӯҳбандӣ намудааст.

Пайдост, ки пайвандакҳо ва калимаҳои ҳамнисбат дар ташаккули ҷумлаҳои пайрави ҳол нақши бузург доранд ва ин масъала дар фасли чоруми боби якуми диссертатсия бозтоб мегардад.

Дар боби дуюми рисола «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳоли муносибат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» унвонҷӯ хусусиятҳои типологии ҷумлаҳои пайрави замону макон, сабабу мақсад, натиҷа ва шарту хиловро муайян намаудааст. Муҳақиқ хусусиятҳои маъноиву грамматикии ҳар яке аз ҷумлаҳои пайрави ҳоли забонҳои зикршударо аз нигоҳи муқоиса мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Боби сеюми рисола «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳоли аломат дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ» ба таҳқиқи хусусиятҳои монандиву тафовут ва умумияти ҷумлаҳои пайрави тарзи амал, монандӣ ва микдору дараҷа бахшида шудааст.

Мавод ва нуктаҳои асосии диссертатсия дар конференсияҳои ҷумҳуриявиву байналмилалӣ ироа шудаанд. Унвонҷӯ муаллифи 14 мақолаи илмӣ буда, панҷтои он дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расидаанд.

Мазмун ва муҳтавои рисола арзиши баланди илмӣ дошта, муҳаққик ҳамаи масъалаҳои дар рисола матраҳшавандаро бо як тартиби муайян мавриди таҳлили амиқи илмӣ қарор додааст.

Хулоса, рисолаи унвонҷӯ Давлатов Назримад Муродзода «Таҳлили муқоисавии ҷумлаҳои пайрави ҳол дар забонҳои тоҷикӣ ва англисӣ (дар асоси маводи «Ёддоштҳо»-и Садриддин Айнӣ)» пажуҳиши илмии анҷомёфта буда, онро ба ҳимоя тавсия менамоям.

Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи забоншиносӣ ва типологияи
муқоисавии Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Ҷаматов Самиддин Салоҳиддинович

Суроға: ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 121, 734003
Тел.: +992 935 281 020 ; e-mail: jsamiddin@mail.ru

Имзои Ҷаматов Самиддин Салоҳиддиновичро тасдиқ мекунам.

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон
ба номи Садриддин Айнӣ Мустафозода Абдукарим

25.05.2022